**Тақризи**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи доктории Ғуломов Тоҷиддин Мирзоалиевич дар мавзуи «Таърихнигории забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр дар асрҳои VIII-X» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09. – Таърихнигорӣ, маъахазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ – Душанбе, 2024. – 345 с.**

Дар омӯзиши таърихи халқи тоҷик марҳилаи аҳди қадим ва асрҳои миёнаи он давраи муҳим ба шумор меравад, зеро маҳз ин марҳилаҳо замони ташаккули давлатҳои ориёӣ ва замони ташаккули халқи тоҷик ба шумор рафта, омӯхтани ҷузъияти масъала ба фоидаи миллати тоҷик хоҳад буд. Бояд тазаккур дод, ки мавзуи интихобнамудаи рисолаи доктории Ғуломов Тоҷиддин Мирзоалиевич “Таърихнигории забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр дар асрҳои VIII-X”, яке аз масъалаҳои муҳимми ҳамин давра ба ҳисоб меравад. Ба доираи илмии олимони соҳа маълум аст, ки масъалаҳои фарогири диссертатсия таърихнигории забткориҳои араб дар Хуросону Мовароуннаҳр, пайомадҳои таърихии ҳаракатҳои озодихоҳӣ ва ҷунбишҳои мардумии истиқлолхоҳонаи Хуросону Мовароуннаҳр, гаравидани мардуми ин сарзаминҳо ба дину арзишҳои нав ва таъсиси мактабҳои фиқҳию каломӣ, гуногунандешии мазҳабӣ ва ташаккули ақидаи ягона ҳанафия аз ҷониби муаррихон то имрӯз мавриди таҳқиқи бевосита ва мустақим қарор нагирифта буд. Мавзуи таҳқиқотии мавриди назар аз зумраи мавзуъҳо ва масоили таҳқиқотиест, ки ба самти манбаъшиносию таърихнигорӣ ва шиносномаи ихтисоси илмии **07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ комилан мувофиқат менамояд.**

**Аҳаммияти мавзуи** диссертатсияи доктории Ғуломов Тоҷиддин Мирзоалиевич дар он аён мегардад, ки то кунун оид ба мавзуи “Таърихнигории забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр дар асрҳои VIII-X” таҳқиқоти диссертатсионии бевосита ва мустақим анҷом наёфтааст. Дар ин асос, мавзуи диссертатсияи доктории довталаби дараҷаи илмиро метавон **мубрам арзёбӣ намуд**. Диссертант кӯшиш ва заҳматҳои фаровон ба худ раво дида, масоили таърихнигории забткориҳои араб, муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳрро дар муқобили аҷнабиён, натиҷа ва паёмадҳои забткориҳои араб, раванди исломпазирии мардумони бумӣ, ташаккули фарҳанги исломӣ, зуҳуру такомули ҷараёнҳои динии минтақа ва ташаккули мазҳаби ҳанафияро

дар шакли системавӣ ва дар доираи методологияи ягонаи диалектикӣ ва герменевтикӣ мавриди таҳлили интиқодӣ қарор додааст. Дар ин рисолаи илмӣ муҳаққиқ кӯшиш ба харҷ додааст, ки масъалаҳои мазкурро бо истифода аз сарчашмаҳои дасти аввал дар самти таърихнигории тоҷик мавриди таҳлили амиқи илмӣ қарор диҳад.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст дар илми таърихнигорӣ ва манбаъшиносии тоҷик бо истифода аз сарчашмаҳои дасти аввали мавзуъ ва адабиёти илмии олимони ватанию, кишварҳои Осиёи Миёнаву Афғонистон, Эрон, кишварҳои Араб, Русия ва Аврупову Амрико кӯшиш гардидааст, ки заминаҳо, ва вижагиҳои гуногуни забткориҳои араб, омилҳои шикасти эрониён ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардумӣ бар зидди аҷнабиёни таҷовузгар, пайомадҳои забткориҳои араб, саҳми донишмандони тоҷик дар ташаккул ва рушди илму фарҳанги давраи мазбур, саҳми ҳанафия дар сарнавишти халқи тоҷик мушаххас ва муайян карда шавад. Омӯзиши амиқи масъалаи мазкур дар таърихнигории имрӯзаи тоҷик аз навовариҳои илмист, ки дар баробари забткориҳои арабу паёмадҳои он дар минтақа, инчунин саҳми мардуми Хуросону Мовароуннаҳр дар интишори илму фарҳанг хело назаррас нишон дода шудааст.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо он собит мешаванд, ки дар омӯзиши мавзуъ ва таҳқиқу таълифи рисолаи диссертатсионӣ назарияҳои таърихнигорони ватанию хориҷӣ мавриди истифодаи васеъ қарор гирифтааст. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, мутобиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, истифодаи зиёди сарчашмаҳои хаттии дасти аввали мавзуъ ва истифодаи осори илмии муҳаққиқони самти мавзуъ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бармеоянд. **Хулосаву тавсияҳои ҳар боб** дар асоси омӯзишу таҳлили илмии сарчашмаву осори илмии муҳаққиқон нишон дода шуда, аз ҷониби диссертант маҷмуан даҳ адад навгониҳои имлӣ пешниҳод шудааст, ки фарогири мазмуни асосии зербобҳо ва натиҷаҳои бадастомада мебошанд.

**Аҳаммияти илмию амалии таҳқиқоти Ғуломов Т.М дар он ифода меёбад**, ки ӯ дар асоси таҳлилҳо ва таҳқиқотҳои худ раванди забткориҳои араб, муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр, паёмади забткориҳои араб ва саҳми ҳамаҷонибаи мардуми минтақа дар густариши дини навро муайян намудааст. Аз ин рӯ омӯзиши таҳқиқоти мазкур ҳамчун мавзуи муҳимми таърихӣ, на танҳо аҳаммияти калони илмиву амалӣ дорад, балки барои равшан сохтани

саҳифаҳои таҳқиқнагардида ва норавшани таърихи асримиёнагии халқи тоҷик, инчунин барои тарбияи наслҳои ҷавони имрӯза ва ояндаи миллат кумаки амалӣ хоҳад расонд.

Муҳаққиқ вобаста ба мазмун ва мундариҷаи кори илмӣ 3 монография, 18 мақола дар маҷаллаҳои илмии ба феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дохилшаванда ва 11 мақолаи дигар дар маводи конфронсҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ба табъ расонидааст, ки ин муваффақияти беҳтарин ба шумор меравад. **Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ,** натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

Диссертатсияи Тоҷиддин Ғуломов аз муқаддима, чор боб, даҳ зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия иборат буда, вобаста ба фарогирии мавзуъ дар навбати худ ҳар боб ба зербобҳо ҷудо карда шудааст. Дар ҳар кадоме аз талаботи навиштани диссертатсия шеваи хуби таҳқиқот, саҳеҳ нишон додани маъхазҳо, муҳокимаю баҳсҳои илмӣ ва натиҷагириҳои муҳимми илмӣ ба назар мерасанд.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамии мавзуи таҳқиқот бо ҳафт далел, дараҷаи коркарди илмии проблемаи мавриди омӯзиш бо истифодоаи сарчашмаҳои зиёду осори илмии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, робитаи кор бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот бо мушаххасоти худ, асоси назариявӣ, амалӣ ва методологии таҳқиқот, объект ва мавзуи таҳқиқ, саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, ҳудудҳои хронологӣ, сарчашмаҳои таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, марҳилаҳои таҳқиқот, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ва сохтору ҳаҷми кор бо низоми муайян шарҳу баён ёфтаанд. Рисолаи мазкур дар ҳаҷми 345 саҳифаи матни компютерӣ таълиф гардида, бо аҳдоф ва вазифаҳои таҳқиқот тавъам буда, аз пешгуфтор, чор боб, даҳ зербоб, хулоса ва рӯйхати сарчашмаву адабиёти истифодашуда аз 371 номгӯй иборат мебошад, ки дар ҳар як боб ва зербобҳои мавҷуда хулосаи муҳақиқ ба таври мухтасар бароварда шудааст.

**Дар диссертатсия мақсаду вазифаҳои** мушаххас натиҷагирӣ шуда, 13 адад **нуктаҳои асосие ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд,** ки дар илми

таърихнигории тоҷик ва дар самти шинохту таҳқиқи масъалаи таърихнигории забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр дар асрҳои VIII-X аҳаммияти муҳимми илмӣ доранд.

Боби аввали рисола «Сарчашмаҳо ва таърихнигории мавзуи таҳқиқшаванда» аз ду зербоб иборат аст. Зербоби аввали он «Сарчашмашиносии масъалаи таҳқиқшаванда» ном дошта, муаллиф дар он сарчашмаҳои хатии таърихию ҷуғрофии ба забонҳои форсию арабӣ таълифнамудаи муаррихони асрҳои IX-XIV вобаста ба мавзуъро мавриди омӯзишу баррасӣ қарор додааст. Дар ин зербоб дар асоси сарчашмаҳои таърихӣ масоили заминаҳо ва омилҳои фурӯпошии Сосониён, раванди забткориҳои араб ва паёмадҳои он, ба монанди исломикунонии минтақа, паҳншавии ғояҳои ҳанафия ва саҳми донишмандони минтақа дар густариши фарҳанги нав мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар зербоби дуюми боби якуми рисола, ки «Таърихнигории масъалаи таҳқиқшаванда» номгузорӣ шудааст, муҳаққиқ осори илмии муҳаққиқони ватанию хориҷиро ба шаш гурӯҳ ва бахшҳои ҷудогона тақсим намуда, умумият ва фарқияти онҳоро аз дигар асарҳои илмии дигар олимон муайян сохтааст.

Боби дувуми рисола «Инъикоси вазъи умумии Хуросону Мовароуннаҳр дар арафаи забткориҳои араб дар манобеи таърихӣ ва бозтоби он дар осори илмӣ» ном дошта, аз се зербоб таркиб ёфтааст. Дар зербоби аввали он (Ҳудудҳои ҷуғрофӣ ва вазъияти сиёсии Хуросону Мовароуннаҳр дар арафаи ҳуҷумҳои арабҳо) диссертант масъалаҳои муҳимтарин илмӣ – ҳудудҳои ҷуғрофии ватани таърихии Ориёиҳо ва минбаъд тоҷиконро дар асоси сарчашмаҳои ҷуғрофию таърихӣ муайян ва мушаххас сохта, дар зербоби дуюми ин боб (Вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодии Хуросону Мовароуннаҳр дар арафаи ҳамлаи арабҳо) муҳаққиқ умдатарин масъалаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии шоҳаншоҳии Сосониён, низоми табақабандии иҷтимоӣ ва низоми ногувори иқтисодие, ки барои мардуми одӣ гарониҳои зиёд оварда буд, мавриди таҳқиқу таҳлили илмӣ қарор додааст. Дар зербоби сеюми боби дуюм (Вазъи эътиқодии мардумони бумии минтақа қабл аз ворид шудани арабҳо) ҳолатҳои эътиқодию мазҳабии Хуросону Мовароуннаҳр дар асоси сарчашмаҳои хаттӣ ва маводи бостоншиносию асарҳои таҳқиқотии олимони муосири ватанию хориҷӣ мавриди баррасии илмии қарор гирифтааст, ки дар ин боб низ муаллиф ба мақсад расида, хулосаҳои зарурӣ баровардааст.

Боби сеюми рисолаи мазкур «Сарчашмашиносӣ ва таърихнигории забткориҳои араб ва муборизаҳои озодихоҳонаи мардумӣ дар Хуросону Мовароуннаҳр» ном дошта, зербоби аввали он (Раванди забткориҳои арабҳо дар Хуросону Мовароуннаҳр ва инъикоси он дар сарчашмаҳои таърихӣ) фарогири масъалаҳои муҳимтарини раванди забткориҳои арабҳо дар Хуросону Мовароуннаҳр мебошад. Диссертант дар ин зербоб ба омӯзиш ва таҳлили муқоисавии сарчашмаҳои таърихӣ сабабҳои шикаст хӯрдани мардуми Хуросону Мовароуннаҳр, раванд ва марҳилаҳои забткориҳои арабро дар минтақа мавриди пажӯҳиши илмӣ қарор додааст. Дар зербоби дуюми боби сеюм (Муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардумони Хуросону Мовароуннаҳр бар зидди истилогарони араб) диссертант муборизаҳои озодихоҳонаи дар минтақа рухдодаро вобаста ба мақсад ва моҳияти иҷтимоияшон ба гурӯҳҳо ҷудо намуда, раванди таърихӣ ва аҳамияти таърихии онҳоро барои имрӯзи миллати тоҷик шарҳ додааст.

Боби чоруми диссертатсия “Пайомадҳои забткориҳои араб ва паҳншавии дини нав дар Хуросону Мовароуннаҳр ва инъикоси он дар сарчашмаҳои таърихӣ” аз се зербоб иборат буда, диссертант дар зербоби аввали он (Инъикоси раванди исломикунонии Хуросону Мовароуннаҳр дар сарчашмаҳои таърихӣ) раванди исломпазирӣ ва исломикунонии Хуросону Мовароуннаҳрро дар асоси сарчашмаҳои таърихӣ ва осори илмии муҳаққиқони ватанию аврупоӣ мавриди таҳқиқи илмӣ қарор дода, дар зербоби дуюми боби чоруми диссертатсия бошад (Саҳми донишмандони минтақа дар рушду густариши улум ва фарҳанги ин давра) муаллиф бо истифода аз сарчашмаҳои зиёду осори таҳқиқотии олимони муосири ватанию хориҷӣ саҳми ниёгони моро дар ташаккули илмҳои табиатшиносию ҷомеашиносӣ муайян ва мушаххас намудааст. Диссертант иброз менамояд, ки донишмандону тоҷик дар ин давра бо саъю талошҳои хеш ба ҳайси бунёдгузорону асосгузорони аксар илмҳои исломии ҷомеашиносӣ ва табиатшиносӣ гардида буданд, ки аз дастовардҳои муҳимми муаллиф дар замони ҷаҳонишавӣ ба шумор меравад.

Диссертант дар зербоби сеюми боби чорум (Нақш ва мақоми ҳанафия дар ҳаёти иҷтимоӣ ва фарҳангии Хуросону Мовароуннаҳр) масъалаи нозуку муҳиммтари ғоявӣ-иделогии барои тоҷикон дар ҳар давру замон муҳим, раванди ташаккули ҳанафияро ки нигаҳдорандаи арзишҳои таърихию фарҳангии мардумони бумии Хуросону Мовароуннаҳр дар давоми асрҳои миёна ва давраи нав мебошад, мавриди пажӯҳиш қарор додааст. Муаллиф барои имрӯзи ҷомеаи мо

барои пешгирӣ аз ифротгароии динӣ хулосаҳои зарурӣ бароварда, пешниҳодҳои мушаххас манзур сохтааст.

**Хулосаи рисолаи доктории** Ғуломов Тоҷиддин Мирзоалиевич фарогири асоситарин ва муҳимтарин бардоштҳои илмии муаллиф буда, дар 25 банд фароҳам омада, бо истиноди зарурӣ дар охири ҳар банд ва таълифоти довталаби дараҷаи илмӣ оварда шудааст.

Дар баробари муваффақиятҳои дар боло зикргардида ба назари мо баъзе нуктаҳое дар рисолаи илмӣ дида мешаванд ва ислоҳ намудани онҳо ба фоидаи кор буда, бо нияти баланд гардидани арзиши рисола ва корҳои таҳқиқи минбаъдаи муаллиф зикри онҳоро зарур меҳисобем:

1. Хуб мешуд ҳамаи бобҳои диссертатсяи илмӣ бо зербобҳо баробар тақсим мешуданд, чунки бобҳои якум ва сеюм аз ду зербоб ва бобҳои дуюм ва чорум аз се зербоб иборат мебошад.

2. Боби дуюми рисола, ки ба масъалаи "Инъикоси вазъи умумии Хуросону Мовароуннахр дар арафаи забткориҳои араб дар манобеи таърихӣ ва бозтоби он дар осори илмӣ" бахшида шудааст, вобаста ба таърихи сиёсии шоҳаншоҳии Сосониён маълумоти бештар ба назар мерасад.

3. Баъзан дар зербоби дуюми боби чорум (саҳ. 247-274) дар мавриди саҳми донишмандони минтақа дар рушду густариши илм ва фарҳанг хронология чандон риоя нагардидааст.

4.Дар рӯйхати адабиёти диссертатсия баъзан нишон надодани замони нашри адабиёт, мушаххасоти он ва риоя нагардидани тартиби хронологӣ ба назар мерасанд.

5.Дар баъзе саҳифаҳои диссертатсия ва автореферати он каме ғалатҳои услубӣ ва техникӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо боиси афзудани ҳусну зиннати кори илмӣ-таҳқиқӣ мегардад.

Бояд қайд намоем, ки ба таври умум эродҳои зикршуда ислоҳпазир буда, ҳангоми таҳия ва нашри монография ба назар гирифтани онҳо ба арзиш ва аҳаммияти илмию амалии кори таҳқиқии Ғуломов Тоҷиддин Мирзоалиевич ҳусни аз ин ҳам бештар зам менамоянд.

**Автореферат ва мақолаҳое**, ки диссертант оид ба мавзуи таҳқиқшаванда нашр намудааст, муҳтавои асосии диссертатсияро фаро гирифтаанд. Мавзуи интихобнамудаи ӯ ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 07.00.09. – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ комилан мувофиқат менамояд.

Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии

аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

Дар маҷмуъ **хулоса, сохтори диссертатсияи** доктории Ғуломов Тоҷиддин Мирзоалиевич дар мавзуи «Таърихнигории забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовроуннаҳр дар асрҳои VIII-X» ба талаботи бандҳои 31-37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми таърих аз рӯйи ихтисоси илмии 07.00.09. – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
Доктори илмҳои таърих, профессор, ноиби ректори
Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам-
Абуҳанифа Нуъмон ибни Собит **Қурбонов Б.Р.**

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, н. Сино,
м.Чортути боло, гузаргоҳи 3, хонаи 1337. Тел.: (+992) 934444152.
E-mail: Kurbonovv1965@mail.ru
04 марти соли 2024.

**Имзои Қурбонов Бахром Раҳмоновичро**
**тасдиқ мекунам:**
Сардори шуъбаи кадрҳо, таъминоти ҳуқуқӣ ва коргузории
Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам-
Абуҳанифа Нуъмон ибни Собит **Ҷомадов Х.**

Суроға: 734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ
Кучаи Шодмонӣ 58/1
Тел.: +992 (37) 224-22-36; +992(37) 224-20-56.
E-mail: сомонаи расмӣ:www.islamtaj@mail.ru
05 марти соли 2024.